# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. - 45 саҳ.)**

Мавзуи автореферати диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар ҳуқуқи муосир, аз ҷумла, дар қонунгузорӣ ва назарияи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои вобаста ҳамчун ҳуқуқҳои истисноӣ дарк карда мешаванд, ки барои муаллифон, иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ пешниҳод шудаанд, таҳқиқ карда мешавад. Зеро, ҳуқуқҳои вобаста яке аз ҷузъҳои калидии илми ҳуқуқи маданӣ буда, институтест, ки ҳимояи моликияти зеҳниро ҳамчун уҳдадории ҳуқуқии субъектони моликияти зеҳнӣ мустаҳкам мекунад. Он решаҳои амиқи таърихӣ дошта, бо рушди низоми ҳуқуқ, ҷомеа ва ҳуқуқи маданӣ алоқаманд мебошад.

Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф мақсади он ба таври возеҳ баён гардида, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти мазкур гузошташуда, аз ҷумла таҳлилу омӯзиши масъалаҳо вобаста ба мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян намудан ва баҳодиҳии заминаҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; бо дарназардошти нуктаҳои назари илмии мавҷуда ва муқаррароти санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил кардани мазмун ва моҳияти ҳуқуқҳои вобаста ва ошкорнамоии ихтилофоти мавҷудбуда дар ин самт; муайян кардани аломатҳои тавсифкунандаи ҳуқуқҳои вобастаи субъективӣ дар такя ба ҳуқуқи муосири маданӣ ва дигарҳо иҷро гардидаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида омода карда шуда, мазмуни мухтасар ва дақиқи мавзуи таҳқиқот дар он нишон дода шудааст ва аз чунин қисмҳо: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ,

аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад. Аз масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидаст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар низоми соҳаи ҳуқуқи маданӣ нахустин ба шумор рафта, таҳқиқи комплексии масъалаҳо доир ба ҳуқуқҳои вобаста дар Тоҷикистонро дар бар мегирад. Он фарогири таҳлили маҷмуавии масъалаҳои илмию ҳуқуқии марбут ба объектҳои ҳуқуқҳои вобаста мебошад, ки бо таври низомнок анҷом дода шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот як қатор масъалаҳои илмию амалие таҳлил ва ошкор гардиданд, ки онҳо барои пешбурди самти корҳои илмӣ ва такмили қонунгузорӣ қобили корбурд мебошанд.

Бо вуҷуди ин, қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошанд.

Новобаста аз ин, эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуну моҳияти автореферати диссертатсия бо дарназардошти дорои мухтавои назариявӣ ва илмӣ будани он таъсири манфӣ намерасонад. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дорад ва натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ аз аҳамият холӣ нест.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи мадани̅; ҳуқуқи соҳибкори̅; ҳуқуқи оилави̅; ҳуқуқи байналмилалии хусуси̅, мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиноси̅, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкори̅
ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Самадзода Б.О.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н, х. 2, ҳ. 121.

**Имзои Самадзода Бахтиёр Одилҷонро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиноси̅, дотсент Бобоев А.Х.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н, х. 1. Тел.: (+992 34) 222-38-11, факс: (+992 34) 222-51-70
Почтаи электрони̅: info@tsulbp.tj Сомонаи интернети̅: www.tslubp.tj

«27» 03 2026 с.